Падидаи номатлуб ва хатарҳо

Ҷаҳони муосир дар баробари комёбиву дастовардҳои зиёд ба чанд мушкилот низ печидагӣ дорад, ки яке аз пурхатару зиёнбартарини онҳо ришва ва ришваситонӣ муқаррар шудааст. Дар истилоҳи байналмилалӣ ин амали зишту манфурро коррупсия меноманд. Ришваситонӣ ҳодисаи номақбулест, ки реша ба умқи таърих дорад ва инсонияти мутамаддин садсолаҳост, ки бо он мубориза мебарад ва ришваро ҳамчун амали зараровари ҷомеа сахт маҳкум мекунад. Ниёгони хирадманди мо тамаъ ва муфтхӯрию ришваситониро дар радифи аъмоли ношоиста ва бадахлоқона гузошта, аз ҳамагон даъват кардаанд, ки аз ин амалҳо барҳазар бошанд, худдорӣ кунанд ва зиндагии худро олудаю доғдор насозанд. Ҳикматҳои зерин тақвиятбахши ин гуфтаҳоянд;

То шавӣ озоду мақбул, эй азиз,
Бетамаъ мабош, агар дорӣ тамиз.
...
Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунё,
Пур нашавад, ҳамчунон ки чоҳ ба шабнам.
...
Тамаъ орад ба мардон рангзардӣ,
Тамаъро сар бибур гар марди мардӣ.

Тамаъ ва ғаразмандию ришваситониро дини мубини ислом низ маҳкум мекунад, гуноҳи азим медонад. Дар ҳадисе омадааст, ки “Худованд ришвадиҳанда ва ришвагирандаро намебахшад”

Коррупсия (ришваситонӣ) дар арсаи ҷаҳонӣ боиси бисёр шикасту нокомиҳо гардидаву ҳастию равнақи баъзе аз кишварҳоро ба вартаи ҳалокат кашидааст. Дар ҳар маконе, ки коррупсия роҳ меёбаду авҷ мегирад, он ҷо ҳаёти мардум ба мушкилию нокомиҳо мепечад, зиндаги гарону пурихтилоф мешавад. Дар маҷмӯъ, коррупсия, ки дар саросари олам доман паҳн кардааст, душмани тамаддун аст ва қашшоқию бебарорӣ, нокомию шикаст дар пай дорад. Аз ин ҷост, ки дар тамоми мамолики тамаддунпарвари ҷаҳон мубориза бар зидди ин падидаи номатлуб пайваста идома дорад ва беш аз пеш вусъат меёбад. Дар як қатор давлатҳои сайёраамон барои ришвадиҳию ришваситонӣ ҷазоҳои сахту қатъӣ муқаррар карда шудаанд. Дар марҳалаҳое аз таърих дар баъзе аз кишварҳо ҳато як дасти ашхоси ришвадеҳу ришваситонро мебуриданд.

Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) муборизаи ҳамешагиро ба рағми коррупсия ба роҳ мондааст ва бо ин ҳадаф тадбирҳои зиёдеро амалӣ менамояд. Соли 2003 Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид ҳуҷҷати муҳими байналмилалӣ – Конвенсияи СММ оид мубриза бар зидди коррупсияро қабул

кард ва дар ин замина 9-декабрро Рӯзи байналмилалии мубориза бо коррупсия эълон намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин Конвенсия ҳамроҳ шуд ва ба ин тариқ ба арсаи мубориза дар сатҳи ҷаҳонӣ бар зидди коррупсия ворид гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустқадамҳои худ дар вазифаи Сардори давлат корупсияро ҳамчун ҳодисаи нангину хатарбор маҳкум карданд ва аҳли кишварро барои решакан намудану аз байн бурдани ин амали нопок раҳнамун сохтанд. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки “Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯю эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад. Бо ибтикори Сарвари кишвар соли 2021 “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таҳия ва тасдиқ гардид, ки марҳилаи тозаеро барои мубориза бо ин амали пурзиён оғоз бахшид. Стратегияи мазкур барои баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар ҷумҳурӣ омили хеле ҷиддию неруманд гардид.

Ҳамакнун беш аз панҷ сол мешавад, ки бар асоси ин ҳуҷҷати муҳим дар тамоми идораю ташкилоту муассисаҳои мамлакат мубориза ба коррупсия вусъат ёфтааст ва ба ин мубориза оммаи васеи мардуми ватандӯсту соҳибмаърифат ҳамроҳ шудаанд.

Хушбахтона, роҳбарият ва кормандони бонкҳои давлатии Тоҷикистон низ баҳри бартарафсозии амалҳои коррупсионӣ ҷидду ҷаҳди бештар доранд. Дар КВД БА ҶТ “Амонатбонк” барои роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ дар тамоми намуди фаъолиятҳо кӯшиши зиёд ба харҷ дода мешавад. Дар тамоми филиалҳои ин бонки бонуфузи кишвар мубориза ба амалҳои коррупсионӣ дар сатҳи баланд идома дорад. Аз ҷумла, дар филиали №03, пеш аз ҳама, вобаста ба “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” якчанд бор машғулиятҳои омӯзишию тавзеҳӣ баргузор карда шуданд.

Таъкид шуд, ки коррупсия дар ҷаҳони муосир дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд монеаи ҷиддӣ ба шумор меравад ва дар мубориза бо ин амали ношоиста ҳамагон бояд фаъол бошанд. Бо ҳадафи пешгирӣ аз амалҳои коррупсонӣ дар филиал ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва фаъолияти кортҳои бонкӣ вусъат бахшида шуд. Тамоми амалиёти кормандон зимни адои вазифаҳои хидматӣ зери назорати ҳамешагии камераҳои махсус сурат мегиранд. Бо мизоҷон низ вобаста ба роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ – ришваю ришваситонӣ мунтазам сӯҳбатҳои тавзеҳӣ баргузор карда мешаванд.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо сол то сол ободу зебо, пешраву шукуфо мешавад. Пояҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти ҷумҳурӣ давра ба давра устувортар мегарданд. Вазифаи ватандӯстонаи ҳар яки мост, ки бо нангу номуси миллӣ ва бо ифтихори меҳанпарварӣ дар бунёдкориҳои кишвар ва пешрафти пайвастаи он саҳмгузор бошем ва ҳаргиз нагузорем, ки хурдтарин амали ношоистаи мо боиси доғдор шудани обрӯю эътибори коргоҳ, маҳалла, шаҳру деҳот ва ё Ватани азизамон гардад. Дар қатори бисёр офату рухдодҳои ҷаҳонӣ, чун терроризму экстремизм ва нашъамандию хиёнаткорӣ коррупсия низ амали басо хатарноку пурзиён буда, теша бар пояи тамаддун ва некӯаҳволию осоиштагии мардум мезанад. Аз ин рӯ, мо аҳли диёри биҳиштосо – Тоҷикистони соҳибистиқлол, бояд ҳамеша дар фикри ободию шукуфонии Ватан мебошем, обрӯю эътибори онро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ пайгирона ҳифз намоем ва зидди ҳама гуна рафтору амал ва ҳаводиси зиёновар ба давлату миллат қотеъона мубориза барем ва ҳамеша накӯкор бошем.

Бузургонамон неку фармудаанд:

Ба некӣ гарон маёзор кас,
Роҳи ростагирӣ ҳамин асту бас.

Баҳромӣ Нуринисо Шарофиддин
мудири филиали №03 КВД БА ҶТ
«Амонатбонк» дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе